# 5.6 (07 00 00) ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 5.6 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ
# 5.6. HISTORICAL SCIENCES

## 5.6.1(07 00 02) ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
## 5.6.1 ТАЪРИХИ ВАТАН
## 5.6.1 HOME HISTORY

***УДК 294.3***
***DOI 10.24412/2413-2004-2023-2-5-11***

***ОСОРИ ДИНИ БУДДОӢ ДАР СУҒДИ ҚАДИМ ВА АСРИМИЁНАГӢ***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д.и. таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***СЛЕДЫ БУДДИЙСКОЙ РЕЛИГИИ В ДРЕВНЕМ И СРЕДНЕВЕКОВОМ СОГДЕ***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д-р истор.наук, профессор, заведующий кафедрой общей истории ГОУ "ХГУ имени ак. Б. Гафурова" (Худжанд, Таджикистан)*

***TRACES OF BUDDHISM IN ANCIENT AND MEDIEVAL SOGHD***

***Ayubov Abdusalom Raufovich****, doctor of history, full professor, the head of the General history department of SEI "KhSU named after academician Bobojon Gafurov" (Khujand, Tajikistan)* ***e -mail:*** *abdusalom-1@mail.ru*

*Дар асоси маълумоти манбаъҳои таърихии хаттӣ ва бостоншиносӣ роҷеъ ба паҳншавии дини буддоӣ дар Суғди қадим ва асримиёнагӣ маълумот дода шудааст. Дини буддоӣ, ки аслан дар Ҳиндустон пайдо шудааст, бо мурури замон аз ҳудуди ин мамлакат берун омада, то худи Осиёи Миёна, аз ҷумла вилояти таърихии Суғд паҳн гардид. Дар ин бора на танҳо маъхазҳои хаттӣ, балки ҳамчунин ёдгориҳои бостоншиносӣ низ шаҳодат медиҳанд. Бозмондаи дайрҳои буддоӣ, тангаҳо, иконографияи буддоӣ далели гуфтаҳои боло мебошанд. Дини буддоия ба Суғд аз Бохтар, ки дар он ҷо дар замони ҳокимияти Кушониён таълимоти буддоӣ дар зинаи баланд қарор дошт, ворид шудааст. Дар давраи ҳокимияти арабҳо даҳҳо маъбадҳои буддоия вайрон карда шуда, дини ислом мақоми асосиро соҳиб шуда, баъзе аз унсурҳои худро дар фарҳанги маҳаллӣ гузошт.*

***Калидвожаҳо:*** *Суғд, Уструшана, Самарқанд, дини буддоӣ, Буддо, воизони аввалини буддоӣ, ибодатхонаи буддоӣ*

*На основе материалов из письменных и археологических источников приведены сведения о распространении буддийской религии в древнем и средневековом Согде. Буддизм, появившись в Индии, со временем, выйдя с территории страны, распространился в Среднюю Азию, в том числе в Согд. Об этом свидетельствуют не только письменные источники, но и археологические памятники. Остатки буддийских храмов, монеты, буддийская иконография являются примерами сказанного. Буддизм проник в Согд с юга, из Бактрии, где в период правления Кушан буддийское учение было на стадии высокого расцвета. В период правления арабов десятки буддийских монастырей были разрушены. Ислам приобрел место основной религии, вытеснил буддийские традиции и оказал воздействие на элементы местной культуры.*

***Ключевые слова:*** *Согд, Уструшана, Самарканд, буддийская религия, Будда, первые буддийские проповедники, буддийские храмы*

*The article studies the spread of the Buddhist religion in ancient and medieval Sogd based on materials from written and archaeological sources. Buddhism, having appeared in India, eventually, spread to Central Asia, including Soghd. This is evidenced not only by written sources, but also by archaeological sites. The remains of Buddhist temples, coins, Buddhist iconography are examples of this. Buddhism entered into Soghd from the south, from Bactria, where during the reign of the Kushans, Buddhist teaching was at the stage of a high dawn. During the reign of the Arabs, dozens of Buddhist monasteries were destroyed. Islam took the place of the main religion, succeeded Buddhist traditions and influenced elements of local culture.*

***Keywords:*** *Soghd, Ustrushana, Samarkand, Buddhism, Buddha, the first Buddhist preachers, Buddhist temples*

Дини буддоӣ дар қисмати шимолу шарқии Ҳиндустон, дар он ҷое ки давлатҳои қадимаи Магадҳа, Кошалава Личчхави воқеъ гардида буданд, дар миёнаҳои ҳазорсолаи якуми то милод пайдо шудааст. Дар Ҳинди Қадим, дар миёнаҳои ҳазорсолаи якуми қабл аз милод, оини ведоӣ ба инқирози шадид дучор шуда, як қатор таълимот ва мактабҳои дигари динӣ ба вуҷуд омаданд. Ин таълимотҳоро файласуфону ҳакимон, дарвешон ва дигарон эҷод мекарданд. Яке аз ҳамин гуна таълимот – буддоия буд, ки эҷодгар ва поягузори он шоҳзода Сиддҳартҳа Гаутама мебошад.

Азбаски таълимоти буддоия хусусияти зиддиведоӣ ва зиддибараҳманӣ дошт, аз ин рӯ шоҳону сарлашкарон онро ҳамчун идеологияи ҳукмрон пазируфта, барои таҳким бахшидан ба пояҳои ҳокимияти давлатӣ истифода мебурданд.

Дини буддоӣ аз тарафи мардуми гуногунзабони дорои анъанаҳои мухталиф баробари динҳои дигар, аз ҷумла зардуштия дар Суғд қисман эътироф шуда буд. Осори дини буддоиро ҳамчунин дар қисмати ҷанубии Тоҷикистону Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистон, Чин пайдо кардан мумкин аст. Чунин меҳисобанд, ки бе фаҳмиши буддоия фарҳанги бузурги Шаркро донистан душвор аст. Нақши мусбати ин дин дар он зоҳир мегардад, ки инсони дар ранҷу машаққат қарордоштаро тасалло медиҳад ва ӯро ба камолоти ҷисмониву равонӣ ҳидоят мекунад. Омӯзиши китобҳо ва аҳкоми ин дин ба зиёд шудани саводнокӣ ва баланд шудани сатҳи маърифату дониши хонандагон оварда мерасонад.

Фарҳанги замони антиқаро барои Суғд ва дигар минтақаҳо эллинӣ меноманд. Зеро аз замони забткориҳои Искандари Макдунӣ то шикасти давлати охирини эллинистӣ таъсири юнониён дар минтақаҳои зиёд хеле калон буд. Дар замони римӣ дини буддоӣ тадриҷан дар Осиёи Миёна пахн шудан гирифт. Паҳншавии дини буддоӣ бо ташкили давлати Кушониён, ки ҳокимонаш ба ин дин гаравида буданд, густариш ёфт. Дар асрҳои аввали мелодӣ баробари буҳрони идеологияи бутпарастӣ дини буддоӣ дар марзи Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Суғд ба таври васеъ паҳн мешавад [6, с.44].

Дини буддоӣ дар вилояти қадим ва асримиёнагии Суғд, ки дар он бузургтарин маркази иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ - шаҳри Самарқанд воқеъ буд, то андозае паҳн шуда буд. Дар ин бора маъхазҳои хаттӣ, забонӣ ва топонимикӣ шаҳодат медиҳанд. Дар байни воизони аввалини буддоӣ дар шаҳри Лояни Чин (асри 2-и мелодӣ) номи ду нафар мардони суғдӣ - Кан Мэн-сян ва Кан дзюй ёдрас гардидаанд. Баъдтар номи воизони дигари суғдӣ низ зикр мешавад.

Мутарҷимони суғдӣ ва суғдиёне, ки берун аз Суғд таваллуд шудаанд, рисолати худро дар асрҳои минбаъда идома дода, матнҳо ҳиндиро ба забони чинӣ тарҷума мекунанд [17, с.21]. Бешубҳа, онҳо матнҳои мазкурро ҳамчунин ба забони модарии худ - суғдӣ тарҷума мекарданд. Бесабаб нест, ки дар солномаҳои Суй-шу ва Вей-шу оиди из ҷониби сокинони Суғд эътироф шудани дини буддоӣ маълумот оварда шудааст.

Мувофиқи ахбори маъхазҳои хаттӣ ва маълумотҳои бостоншиносӣ суғдиён дар паҳн шудани таълимоти буддоӣ дар Осиёи Миёна ва Марказӣ нақши калон бозидаанд. Аммо бо омадани ҳайтолиён буддоия мавқеи худро ба таври назаррас аз даст дода, аз ҷониби таълимоти дигар, аз ҷумла монавия танг карда мешавад. [4, с.39].

Паҳншавии дини буддоӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Суғд, аз оғози давраи мелодӣ сар шуда, то асри V давом кардааст. Аммо аллакай дар нимаи аввали асри VII таълимоти мазкур дар Суғд нисбат ба Тахористон мақоми суст дошт.

Дар ибтидои асри VIII дар Самарқанд танҳо як дайр буд, ки дар он як роҳиб хизмат мекард [3, с.123]. Инро ҳуҷҷатҳои суғдии қалъаи Муғ низ тасдиқ мекунанд, ки дар онҳо дар бораи як роҳиби буддоӣ маълумот омадааст [19, с.165]. Аз ин маълум мегардад, ки дар он замон дар Суғди Самарқанд дини буддоӣ нақши муҳим надоштааст. Аммо дар давраи истилои арабҳо буддоиён дар байни аҳолии маҳаллӣ ва ашхоси мансабдор нақши муайянеро бозида, метавонистанд то андозае нуфуз дошта бошанд. Дар ин бора маълумотҳои нумизматикӣ шаҳодат медиханд. Дар баъзе тангаҳо номҳое мавҷуданд, ки тафсири буддоӣ доранд.Аз ҷумла, дар тангаҳои Уструшана на танҳо номи афшинҳо, балки баъзе хусусиятҳои иконографияи ҳиндӣ мушоҳида мешавад, ки аз таъсири дини буддоӣ дарак медиҳанд [18, с.32]. Осори дини буддоӣ дар Суғд то дер замон боқӣ мондааст. В.В. Бартолд чунин меҳисобид, ки номи деҳаи Санҷарфаган, воқеъ дар ҷанубу шарқи Самарқанд бо номи дайри буддоӣ - Сангхарама алоқамандӣ дорад. Вай ҳамчунин дарвозаҳои нави Бухоро ва Самарқандро бо «вихара» пайваст кардааст [2, с.215].

Дар Таксил (Ҳиндустони шимолу ғарбӣ) иншооти рӯизаминӣ – маъбади буддоӣ кашф карда шуд, ки тахминан ба нимаи дуюми асрҳои I–II мелодӣ мансуб аст. Он бо номи «вихара» маъруф аст. Иншооти мазкур аз ҳавлии марказӣ бо хонаҳои атрофи он, хонақоҳи муъбадон иборат буд. Ба ин қисмати бино маъбад, толор, аз тарафи дигар биноҳои хоҷагӣ – ошхона ва анбор ҳамшафат буданд [12, с.65].

Унсури ҳатмии ибодатхона ҳован буд. Ҳован дар мазҳаби буддоӣ рамзи озод шудан аз ҳиссиёти ба инсон халалрасонанда, нишондиҳандаи қобилияти ақли инсон ба ҳисоб меравад. Аввалин ҳованҳо дар Ҳиндустон пайдо шуда буданд.

Осори моддии мавҷудияти дини буддоӣ дар Суғд он қадар зиёд нест. Ҷолибтарин бозёфт сари мармарини муҷассамаи Буддо мебошад, ки дар деҳаи Тайлаки наздикии Самарқанд ба даст омадааст. Мутаассифона, таърихи он муайян карда нашудааст.

Осори ёдгории дини буддоӣ дар деҳаи Давлат, ки дар шимолу шарқи деҳаи Нушкати водии Санзар воқеъ буд, ёфт шудааст. Дар асоси маълумоти шифоҳии сокинони деҳаи номбурда бостоншиносон чор пояи сангини сутунҳо, ҳамчунин танаи нимсӯхтаи худи сутунҳоро ба даст овbooked. Дар назди онҳо ду ҳайкали калони биринҷии Буддо ёфт шуд. Яке аз онҳо 80, дигаре 50 кг вазн дошт [16, с.309]. Дар ду тарафи онҳо ҳайкали саг ва 16 ҳайкали биринҷии шер дар ҳолати нишаста қарор доштанд.

Дар худи ҳамин бино оинаи биринҷӣ бо иероглифҳои чинӣ ёфт шуд. Л.И. Албаум ҷои тахминии ибодатхонаро тадқиқ намуда, сафолпораҳои асрҳои IX-X ва давраи нисбатан барвақтро пайдо кард [1, с.57-60]. Б.А. Литвинский ибодатхонаро ба асри III мелодӣ мансуб донистааст [9, с.251]. Дар як вақт Б.Я. Ставиский чунин меҳисобад, ки ибодатхона

ба давраи барвақти асримиёнагӣ тааллуқ дошта, оинаи биринҷии чинии замони ҳокимияти Хан чун ашёи гаронбаҳо дар ин ҷо боқӣ мондааст [20, с.105].

Дар сарҳади Суғд ва Уструшана биное мавриди таҳқиқ қарор гирифт, ки онро ибодатхонаи буддоӣ номидаанд [1, с.60]. Ҳамчунин аз ҷониби сокинони маҳаллӣ муҷассамаҳои бузурги биринҷии Буддо ва ҳайкалчаҳои биринҷии шерҳо ёфт шуда буданд.

Аз рӯи оинаи биринҷӣ ва ҳайкалчаҳои шер маъбадро ба асрҳои I-II мансуб донистанд. Таклифи Л.И. Албаумро дигар олимон дастгирӣ карданд. То ҳол ин ягона иншооти дини буддоӣ дар қаламрави Мовароуннаҳри Шарқӣ аст. Дар шаҳраки Қуваи Фарғона маъбади буддоӣ ёфт шудааст.

Аз асрҳои V-VI сар карда, чуноне ки аз бозёфтҳо маълум мешавад, суғдиён иконографияи динии худро хеле инкишоф доданд. Ҳамзамон, онҳо анъанаҳои ғайрро фаъолона истифода бурда, одатан намуди зоҳирии онҳоро тағйир медиҳанд, ба «талабот»-и худ мутобиқ мегардонанд [10, с.237]. Ин махсусан дар робита ба худоҳои ҳиндӣ зоҳир мешуд.

Дар баъзе устадонҳои суғдӣ дар байни тасвирҳои гуногун расмҳои ҳайкалчаҳое мавҷуданд, ки дастҳо дар сари сина салиб карда шудаанд. Онҳо кайҳо таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардаанд. Баъзе аз олимон бар ин назаранд, ки ин саҳнаи мотам аст [22, с.181]. Олимони дигарон онҳоро ҳамчун фраваша ё рӯҳи мададгор медонанду дастони дар сари сина салиб карда шударо чун маросим тавсиф кардаанд. [15, с.95]. Инҳо худоёни суғдӣ буданд.

Дар иконографияи ҳиндӣ ба дастони дар сари сина салиб кардашуда (хункара) худои Ваҷрахункара тасвир шудааст. Ҳайкалчаи биринҷии ин худо ба даст омадааст, ки ба асри VIII тааллуқ дорад. Яке аз персонажҳои девори ҷанубии маъбади Вишну Дасаватор (асрҳои V-VI) дар Деогарх бо дастони салиб тасвир шудааст [21, с.219]. Дар тарафи рости даромадгоҳи маъбади Гал-Вихара муҷассамаи Буддо дар ҳолати нирвана мавҷуд аст, ки ба асри XII мансуб аст.

Дар таълимоти Буддо мақоми намоёнро ақида дар бораи «нирвана»- саодат ва оромии абадӣ ташкил мекунад. Нирвана куштани ҳама гуна хоҳиш, чӣ нағзу чӣ бад нест. Аз рӯи маънии ҳақиқӣ нирвана куллан фурӯ нишонидани нафси бад, шаҳват ва ҷаҳолат аст. Ин нукта, ки онро пеш аз Буддо дигар динҳо, масалан, зардуштия низ матраҳ карда буданд, воқеан асли тасфияи нафс, ибтидо ва сарчашмаи покии шуури ахлоқии инсон аст. Наҷот танҳо дар ҷаҳони ботинӣ буда, фикру андеша асоси ҳастии маънавии одамӣ мебошад. Қайд кардан муҳим аст, ки баъзан худи Буддо бо дастони салиб дар ҳолати ба истилоҳ «мулоҳизаронӣ» тасвир шудааст.

Соли 2002 зимни ҳафриёти қасри Наср ибни Сайёр (волии Хуросон аз хонадони Уммавиён – А.А.) дар шаҳраки Афросиёб лавҳаи сафолие пайдо шуд, ки дар он ба истилоҳ Киртимукха тасвир ёфтааст. Бозёфт ба нимаи аввали асри VIII мансуб буда, аз ҷиҳати ороиш ва ҳолати нигоҳдорӣ хеле нодир мебошад [7, с.85]. Ин тасвир аз иконографияи ҳиндӣ гирифта шуда, тадриҷан дар Осиёи Миёна аз давраи Кушониён паҳн шудааст [11, с.59]. Киртимукха, ки маънояш «чеҳраи маъруф» аст, дар ин ҷо низ вазифаи посбониро иҷро мекард. Тасвири ин образ аз замонҳои қадим то ҳол дар болои даромадгоҳи маъбадҳои Шива ва дигар маъбадҳои ҳиндӣ ҷойгир буда, ҷузъиёти ҳатмии меъморӣ мебошад [8, с.222].

Соли 1949 зимни кофтукови қабристоне дар Панҷакент ҳайкалчаи зебои гилии Киртимукха, ки ба асри VIII тааллуқ дорад, ёфт шуд [14, с.126]. Қайд кардан лозим аст, ки ҳайкалчаҳои Киртимукха на танҳо дар устадонҳо, балки дар зарфҳо, аз ҷумла дар зарфҳои

суғдӣ (қалъаҳои Афросиёб ва Тали Барзу) низ ёфт шудаанд. Кашф шудани ҳайкалчаи назди дарвоза ба А.М.Беленитский асос дод, исбот кунад, ки он дар ибтидо дар болои дарвоза ҷойгир шуда буд [5, с.66].

Киртимукха дар назари суғдиён образи дев буд. Азбаски онҳо ҳеҷ гоҳ симои иконографии деви худро таҳия карда натавонистанд, тасвири Киртимукхаро истифода бурданд. Бояд гуфт, ки образҳои дев дар нақшу нигори Қалъаи Қаҳқаҳаи Шаҳристон бо баъзе хусусиятҳои Киртимукха тасвир шудаанд.

Ҳангоми кофтукови экспедитсияи якҷояи ӯзбекию фаронсавӣ дар назди қалъаи Афросиёб ҳайкалчаи устухонӣ дар шакли мушт ёфт шуд. Тасвир дар шакли мушти сахт фишурдашуда ҳиндиасл буда, он дар санъати буддоӣ то имрӯз хеле маъруф аст. Дар Суғди ҷанубӣ се ҳайкалчаи буддоӣ ёфт шудааст [13, с.22].

Баъзе осори таъсири дини буддоӣ дар наққошӣ мушоҳида мешавад, гарчанде, ки наққошии пешазарабӣ ва, махсусан, суғдӣ иконографияи ғайрибуддоӣ дорад. Дар баробари ин сарчашмаи пайдоиши наққошии суғдиро бидуни такя ба мероси бадеии буддоӣ дарк намудан душвор аст [4, с.189]. Дар ҳақиқат, баъзе ҳикояҳо, инчунин изҳороти инфиродӣ метавонанд бо буддоия алоқаманд бошанд.

Расмҳои дигари девории Панҷакент, ки низ борҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст, сегонаи илоҳӣ дар девори ҷанубии хонаи 26-и ашёи VI мебошад. Дар ин ҷо ҳам монандӣ бо иконографияи буддоӣ вуҷуд надорад, аммо ба гуфтаи баъзе муҳаққиқон, худи ғояи сегона аз иконографияи буддоӣ гирифта шудааст. Сипас он бо мурури замон моҳияти худро дигар карда, ба худои маҳаллӣ табдил ёфт.

Тавре аз мисолҳои боло дида мешавад, чунин тағйирот ба дигар тасвирҳои ҳиндӣ (буддоӣ) дар Суғд низ хос аст. Дар расми Варахша тасвири филсавор дар либоси сабук бо дастпона, гарданбанд ва диадема ба назар мерасад. Мумкин аст, ки ин Адбага дар болои фил нишаста бошад [10, с.107]. Худи симои фил аз Ҳиндустон ба Суғд омадааст.

Дар Уструшана номи Афшин Сатачари, ки дар санскрит маънояш «муаллим», «мураббӣ» аст, дар тангаҳо вомехӯрад. Ҳамин ном дар тарҷумаи суғдии осори санскритӣ низ вомехӯрад [18, с.32].

Ҳамин тавр, бо паҳн шудани дини буддоӣ мубодилоти фарҳангии байни халқҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндустон, ки то имрӯз идома дорад, низ шиддат мегирад. Дар ин мубодила нақши асосиро суғдиён бозидаанд, ки дар ин бора маъхазҳои бостоншиносӣ ва хаттӣ гувоҳӣ медиҳанд. Ишора бояд намуд, ки истифодаи ибораи “паҳншавии васеи дини буддоия” дар Осиёи Миёна, аз ҷумла Суғд нодуруст аст. Дар ҳолати қабули ибораи номбурда ба назар чунин мерасад, ки аҳолии маҳаллӣ аз дини дар тӯли садсолаҳо эътиқодкардаи худ даст кашида, пайрави буддоия гаштаанд. Аммо дар асл ин тавр нест. Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ миқдори зиёди осори моддии дини буддоия кашф нашудааст. Дар Суғд на худи дини баддоӣ, балки таъсири идеологӣ ва фарҳангии он ба назар мерасад, ки дар ин бора деворнигораҳои Панҷакент, қасри афшинҳои Уструшана маълумоти кофӣ медиҳанд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Альбаум Л.И. Буддийский храм в долине Санзара // Доклады АН УзССР. - 1955. - № 8. – С.57-60.*
2. *Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Соч. Т.I. – Москва: Изд-во вост. лит., 1963. - С.45-586.*

3. *Беленицкий А.М. Вопросы идеологии и культов Согда по материалам пянджикентских храмов //Живопись древнего Пянджикента / Отв. ред. А. Ю. Якубовский, М. М. Дьяконов. - Москва: Изд-во Акад. наук СССР, 1954. – С.25-82.*
4. *Беленицкий А.М. К истории культурных связей Средней Азии и Индии в раннее Средневековье // Индия в древности. - Москва, 1964. – С.188-198.*
5. *Беленицкий А.М. Новые памятники искусства древнего Пенджикента: опыт иконографического истолкования // Скульптура и живопись древнего Пенджикента. - Москва, 1959. – С.11-86.*
6. *Бонгард-Левин Г. М., Карпюк С. Г. Сведения о буддизме в античной и раннехристианской литературе // Древняя Индия. Историко-культурные связи. - Москва, 2008. – С.228-234.*
7. *Грене Ф., Грицина А. А., Иваницкий И. Д. Раскопки дворца Насра бин Сайара // Археологические исследования в Узбекистане – 2002 год. - Ташкент, 2003. – С.50-55.*
8. *Короцкая А. Сокровища индийского искусства. - Москва: Искусство, 1966. – 384 с.*
9. *Литвинский Б.А., Зеймаль Т.И. Буддийский монастырь Аджина-Тепа (Таджикистан). Раскопки. Архитектура. Искусство. – Санкт-Петербург: Нестор-История, 2010. – 320 с.*
10. *Маршак Б.И. Индийский компонент в культовой иконографии Согда // Культурные взаимосвязи народов Средней Азии и Кавказа с окружающим миром в древности и Средневековье: тезисы докладов. - Москва: Наука, 1981. – С. 28-35.*
11. *Маршак Б.И. Согдийское серебро: очерки по восточной торевтике. - Москва, 1971. – 191 с.*
12. *Мкртычев Т.К. Буддизм в Согде // Материальная культура Востока. Вып. 3. Государственный музей Востока. - Москва, 2002. - С. 56-64.*
13. *Мкртычев Т.К. Об археологических памятниках буддизма в Согде // Культурное наследие народов Средней Азии. - Ташкент, 1998. – С.16-24.*
14. *Мончадская Е.А. Глиняный налеп с пенджикентского оссуария // Труды Академии наук Таджикской ССР. Т. CXX. - Душанбе, 1960. – С.125-132.*
15. *Павчинская Л. В., Ростовцев О. М. Оссуарии из Сарытепа // История материальной культуры Узбекистана. Вып. 22. - Ташкент, 1988. – С.91-101.*
16. *Религии Центральной Азии. Том III. Буддизм. – Самарканд: МИЦАИ, 2019. – 368 с.*
17. *Ртвеладзе Э.В. Проповедники буддизма из стран Трансоксианы в Китае // Общественные науки в Узбекистане. - 1998. - № 4-5. – С.17-23.*
18. *Смирнова О.И. Сводный каталог согдийских монет. Бронза. - Москва: ГРВЛ, 1981. – 548 с.*
19. *Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма / Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица. - Москва: Изд-во восточной литературы, 1962. – 224 с.*
20. *Ставиский Б.Я. Судьбы буддизма в Средней Азии. - Москва: Восточная литература, 1998. – 216 с.*
21. *Тюляев С. И. Искусство Индии. III тысячелетие до н.э. – VII в. н.э. - Москва: Искусство, 1988. – 344 с.*
22. *Compareti M. Traces of Buddhism in Sogdiana // Sino-Platonic Papers. - CLXXXI, 2008. - 42 pp.*

**REFERENCES:**

1. *Albaum L.I. Buddhist Temple in the Sanzara Valley // Reports of the Academy of Sciences of UzSSR. - 1955. - No. 8. - PP.57-60.*
2. *Bartold V.V. Turkestan in the Era of the Mongol Invasion. Op. T.I. - M .: Publishing House of eastern literature.1963 - PP.45-586.*

3. *Belenitsky A.M. Issues of Ideology and Cults of Soghd Based on the Materials of Penjikent Temples // Painting of Ancient Penjikent. Rep. ed. A. Yu. Yakubovsky, M. M. Dyakonov. - M.: Publishing House of Acad. Sciences of the USSR, 1954. - PP.25-82.*
4. *Belenitsky A.M. On the History of Cultural Relations between Central Asia and India in the Early Middle Ages // India in Antiquity. - M., 1964. - PP.188-198.*
5. *Belenitsky A.M. New Monuments of Art of Ancient Penjikent: the experience of iconographic interpretation // Sculpture and painting of ancient Penjikent. - M., 1959. - PP.11-86.*
6. *Bongard-Levin G. M., Karpyuk S. G. Information about Buddhism in Ancient and Early Christian Literature // Ancient India. Historical and Cultural Ties. - M., 2008. - PP.228-234.*
7. *Grene F., Gritsina A. A., Ivanitsky I. D. Excavations of the Palace of Nasra bin Saira // Archaeological research in Uzbekistan - 2002. - Tashkent, 2003. - PP.82-89.*
8. *Korotskaya A. Treasures of Indian Art. - M.: Art, 1966. - 384 pp.*
9. *Litvinsky B.A., Zeimal T.I. Buddhist Monastery Ajina-Tepa (Tajikistan). Excavations. Architecture. Art. - St. Petersburg: Nestor-History, 2010. - 320 pp.*
10. *Marshak B.I. The Indian Component in Cult Iconography of Soghd // Cultural Relations of the Peoples of Central Asia and the Caucasus with the Outside World in Antiquity and the Middle Ages: abstracts. - M.: Nauka, 1981. - PP.28-35.*
11. *Marshak B.I. Sogdian Silver: Essays on Oriental Toreutics. - M., 1971. - 191 pp.*
12. *Mkrtychev T.K.Buddhism in Soghd // Material culture of the East. Issue. 3. State Museum of the East. - M., 2002. - PP.56-64.*
13. *Mkrtychev T.K. On the Archaeological Monuments of Buddhism in Soghd // Cultural Heritage of the Peoples of Central Asia. - Tashkent, 1998. - PP.16-24.*
14. *Monchadskaya E.A. Clay Molding from the Penjikent Ossuary // Proceedings of the Academy of Sciences of Tajik SSR. T. CXX. - Dushanbe, 1960. - PP.125-132.*
15. *Pavchinskaya L. V., Rostovtsev O. M. Ossuaries from Sarytepa // History of Material Culture of Uzbekistan. Issue. 22. - Tashkent, 1988. - PP. 91-101.*
16. *Religions of Central Asia. Volume III. Buddhism. - Samarkand: ICAI, 2019. - 368 pp.*
17. *Rtveladze E.V. Preachers of Buddhism from the Countries of Transoxiana in China // Social Sciences in Uzbekistan. - 1998. - No. 4-5. - PP.17-23.*
18. *Smirnova O.I. Consolidated Catalog of Sogdian Coins. Bronze. - M.GRVL, 1981. - 548 pp.*
19. *Sogdian Documents from Mount Mug. Issue. II. Legal Documents and Letters. Reading, Translation and Comments by V.A. Livshits. - M.: Publishing House of Eastern Literature, 1962. - 224 pp.*
20. *Stavisky B.Ya. The Fate of Buddhism in Central Asia. - M.: Eastern Literature, 1998. - 216 pp.*
21. *Tyulyaev S. I. Art of India. III millennium BC – 7th century AD - M.: Art, 1988. - 344 pp.*
22. *Compareti M. Traces of Buddhism in Sogdiana // Sino-Platonic Papers. - CLXXXI, 2008. - 42 pp.*